# ТАҚРИЗИ

**муқаррizи расмӣ, номзади илмҳои таърих, дотсент Неъмонов Беҳрӯзҷон Зарёевич ба диссертатсияи Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич дар мавзуи «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри ХХ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 -Таърихи ватанӣ). Душанбе, 2025.**

Диссертатсияи Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич ба яке аз мавзуҳои муҳими таърихи муосири Тоҷикистон бахшида шуда, дорои аҳамияти баланди илмӣ ва назариявӣ мебошад. Бо ин далел, ки воқеан Қаҳрамони Тоҷикистон – Нусратулло Махсум дар ҷараёни ҳодиса ва навсозиҳои солҳои 20 – 30-юми асри ХХ аз миёни ходимони сиёсию ҷамъиятии халқи тоҷик нақши марказиро бозидааст, аммо то ҳанӯз атрофи фаъолияти ӯ ба таври махсус таҳқиқоти алоҳидаи илмӣ сурат нагирифтааст. Таҳқиқоти мазкур гувоҳи он аст, ки муҳаққиқ барои дақиқ омӯхтани масъалаҳои дар назди худ гузошташуда саъю кӯшиши зиёд ба харҷ дода, сарчашма ва дигар адабиёти лозимаро ба таври ҷиддӣ мавриди муҳокима ва таҳқиқоти илмӣ қарор додааст.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 - Таърихи ватанӣ) мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқ.** Муҳиммияти мавзуъ қабл аз ҳама дар он ифода меёбад, ки то имрӯз дар доираҳои илмии мамлакат ба таври амиқ омӯхта нашудааст.

Бояд қайд намуд, ки ҳодисаҳои сиёсии солҳои 20-уми асри XX дар таърихи навини халқи тоҷик чун ҳодисаҳои сарнавиштсоз сабт шудааст. Бо назардошти ҳассосияти замон, махсусан таъсири қувваҳои туркпарастӣ маҳдудиятҳои зиёд дар сарнавишти тоҷикон пеш омад. Акнун майдони мубориза барои истиқлол ва ҳифзи манфиатҳои худ дар байни баъзе аз рӯшанфикрони тоҷик ба таври махсус сар шуд. Дар ин раванд нақши асосиро бевосита яке аз тоҷикони ватандӯст Нусратулло Махсум мебозид. Тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон менависад: «Дар вазъияти ниҳоят ҳассосу мушкил дар сафи аввалин фарзандони сарсупурдаи халқи тоҷик ба мубориза бархостани Нусратулло Махсум нишонаи ватандӯсту ватанпарасти асил будани ӯ мебошад...».

Аз ин сабаб, омӯзиш ва таҳқиқи нақши Н. Махсум дар раванди шаклгирии заминаҳои ташаккулёбии давлатдории навини тоҷикон дар фазои давлати Шуравӣ, ҳифзи манфиатҳои қонунии халқи тоҷик, бунёди ҷомеаи навин ва дигаргуниҳои хоҷагии халқи Тоҷикистон хело масъалаи муҳим буда, дар таҳқиқоти мазкур ба таври рӯшан ифода ёфтааст.

Аз ин рӯ, мавзуи диссертатсия ҳамчун як самти наву муҳими таҳқиқи таърихи Тоҷикистон, дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсияи Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич дар мавзуи «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX» як кори илмии муҳим ва саривақтӣ буда, ба яке аз масъалаҳои мубрами илми таърихи халқи тоҷик бахшида шудааст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз дурустӣ ва асоснокии хулосаҳо, инчунин истифодаи мақсадноки усулҳои таҳлил, аз ҷумла усулҳои таҳлилӣ-муқоисавӣ, хронологӣ-масъалагузорӣ, объективияти илмӣ, таърихияти илмӣ, методҳои таҳқиқӣ-муқоисавӣ, таҳқиқӣ-татбиқӣ, муайянкунии моҳияти ҳодисаҳо, истифодаи тартиби хронологӣ бо риояи принсипи таърихият (историзм), методҳои таҳлилӣ, муқоисавӣ, мантиқӣ, хулосабарорӣ ва дигар услубҳо дар ҷараёни таҳқиқи мавзуъ шаҳодат медиҳад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Диссертатсияи мазкур дар заминаи методҳои муқоисавию таърихӣ, муқоисавию таҳқиқотӣ, таҳлили оморӣ, услуби назарияи таърихшиносӣ, таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаи фаъолияти амалӣ анҷом дода шудааст. Дар рафти таҳқиқ усулҳои илмии омӯзиш доир ба мавзуи «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX ба роҳ монда шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич дар ҳаҷми 201 саҳифаи чопи компютерӣ таълиф шуда, бо сохтори иборат аз муқаддима, се боб, хулоса, номгӯйи маъхазҳо ва адабиёти истифодашуда таҳия гардидааст.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад ва вазифаҳо, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқ, тавсиб ва амалишавии натиҷаҳои таҳқиқот нишон дода шудаанд.

Боби якуми диссертатсия «**Вазъи сиёсии солҳои 20-уми асри XX ва мавқеи Нусратулло Махсум дар ҳалли масъалаҳои сиёсии Тоҷикистон**» ном дошта, он аз 4 зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби аввал, ки зери унвони ***“Оғози фаъолияти сиёсию ҷамъиятии Нусратулло Махсум”*** номгузорӣ шудааст, аслан фарогири оғози ҳаёт, фаъолият ва заминаҳои шаклгирии ҷаҳонбинии сиёсии Нусратулло Махсум мебошад. Муаллиф бо такя ба ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва хотираҳои пайвандони қаҳрамон мавзуро ба риштаи таҳлил кашидааст.

Зербоби дуюми боби аввал ***“Ҷараёни тақсимоти миллию ҳудудӣ ва саҳми Нусратулло Махсум дар ташкили ҶМШС Тоҷикистон”*** ном дошта, дар он раванди тақсимоти мазкур ва нақши Нусратулло Махсум дар таъсиси ҶМШС Тоҷикистон таҳлил гардидааст. Инҷо бештар ба мактуби Н. Махсум ба унвонии роҳбари давлати Шуравӣ И. Сталин дар маврди ҳифзи манфиатҳои тоҷикон ва таъсири он ба ҷараёни ҳодисаҳои вақт таваҷҷуҳ шудааст.

Зербоби сеюми боби якум ***“Мақоми Нусратулло Махсум дар самти таҳким бахшидани сохтори идорию маъмурии ҶМШС Тоҷикистон”*** ном дошта, аслан ба саҳми Нусратулло Махсум дар ташкил ва таҳкими низоми идорию маъмурии ҶМШС Тоҷикистон бахшида шудааст. Тавре дар диссертатсия оварда мешавад, давоми солҳои 1924 – 1929 Нусратулло Махсум ҳамчун Раиси КИМ ҶМШС Тоҷикистон ва аз соли 1929 ҶШС Тоҷикистон дар ташаккулёбии идораҳои сиёсию маъмурӣ нақши калон дошт.

Дар зербоби чорум масъалаи ***“Мубориазаҳои Нусратулло Махсум дар раванди таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон”*** мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст. Дар рафти баррасии мавзуъ маълум мегардад, ки воқеан дар табдили Тоҷикистон аз шароти худмухторӣ ба ҷумҳурии мустақили шуравӣ (иттифоқӣ) то ҷое нақши Н. Махсум намоён аст.

Боби дуюми диссертатсия **«Талошҳои Нусратулло Махсум дар таъмини амният ва танзими раванди муҳоҷират дар Тоҷикистон»** ном дошта, аз 3 зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якум масъалаи ***“Ҳаракати зиддишуравӣ ва нақши Нусратулло Махсум дар ноил гардидан ба зиндагии осоишта”*** таҳлил гардидааст. Инҷо муаллиф дар асоси як қатор санадҳои бойгонӣ, хотираи шоҳидони замон ва дигар адабиёти зарурӣ собит мекунад, ки воқеан Н. Махсум дар саркӯб намудани чунин қувваҳо ва таҳкими ҳаёти осоиштаи мардум нақши босазо доштааст.

Зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия ***“Раванди ба ватан баргардондани фирориёни бурунмарзӣ”*** ном дошта, дар рафти он саҳми Нусратулло Махсум дар самти ба ватан баргардондани муҳоҷирон нишон дода шудааст.

Дар диссертатсия қайд мешавад, ки дар рафти амалиётҳои ҷанги шаҳрвандӣ (ҳаракати босмачигарӣ) як қисми аҳолии Тоҷикистон маҷбур шуданд, ки ба Афғонистон ҳиҷрат кунанд. Муаллиф дар асоси адабиёти лозима саҳми Нусратулло Махсумро дар баргардонидани муҳоҷирони иҷборӣ дақиқ намудааст.

Дар зербоби сеюми боби дуюм ***“Нақши Нусратулло Махсум дар ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати дохилӣ”*** баррасӣ шудааст. Дар диссертатсия зикр мешавад, ки Тоҷикистон дар раванди муборизаҳои босмачигарӣ зарари калон дид ва теъдоди муайяни аҳолии қисми ҷанубии Тоҷикистон, ба хусус водии Вахш камодам монд. Чунин ранг гирифтани кор ба рушди соҳаи кишоварзӣ зарарӣ ҷиддӣ ворид намуд. Дар ин зербоб собит шудааст, ки бо кӯшишҳои Н. Махсум масъалаи муҳоҷирати дохилӣ танзим гардида, ба ин васила дар водиҳои қисми ҷанубӣ ба рушди соҳаи кишоварзӣ заминаи мусоид фароҳам оварда мешавад.

Боби сеюми диссертатсия **«Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон ва раванди ҳодисаҳои сиёсии солҳои 30-юми асри XX»** ном дошта, аз се зербоб иборат аст.

Зербоби якуми боби сеюм ***“Нақши Нусратулло Махсум дар инкишофи саноат ва роҳсозӣ дар Тоҷикистон”*** ном дошта дар он зикр мешавад, ки барои рушди хоҷагии халқи ҷумҳурӣ дар ҳама соҳаҳо бо

сарварии Нусратулло Махсум кор аз сифр оғоз гардид, зеро заминаи иқтисодии он хеле заиф буд. Аммо ба ин нигоҳ накарда, дар давраи аввали роҳбарии Нусратулло Махсум солҳои 1925 – 1926 дар ноҳияҳои Қӯрғонтеппа, Фархор ва Шаҳритус заводҳои равғанкашӣ ва солҳои 1925 – 1929 бошад, дар ҷумҳурӣ 8 заводи пахтатозакунӣ сохта ба истифода дода шуд. Бо ҳамин тартиб дар солҳои минбаъда низ бунёди корхонаҳо дар дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба вуҷуд омаданд.

Дар зербоби дуюми боби сеюм масъалаи ***"Мақоми Нусратулло Махсум дар рушди фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ"*** мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст. Зимни омӯзиш ва баррасии як қатор сарчашмаҳои таърихӣ муаллиф нишон медиҳад, ки бо талошҳои Нусратулло Махсум соҳаи зери мавриди назар бо назардошти имкониятҳои вақт ба марҳилаи рушду инкишоф ворид гардид.

Дар зербоби сеюми боби сеюм падидаи ***«Сарнавишти Нусратулло Махсум дар гирдоби сиёсии солҳои 30-юми асри XX»,*** таҳқиқ шудааст.

Дар диссертатсия дақиқ карда мешавад, ки бо роҳҳои сохтаю бофта аз ҷониби афроди алоҳида шуруъ аз соли 1933 зиндагиномаи Н. Махсум чун думрави буржуазияи хориҷӣ ва мухолифи сохтори шуравӣ зери шубҳа қарор дода мешавад. Оқибат дар ҷараёни таъқиботи солҳои сиюм (1937) Нусратулло Махсум ба ҷазои аз ҳама сангин – ҳукми қатл маҳкум мешавад.

Дар хулосаи рисолаи илмӣ пешниҳоду тавсияҳои муаллиф ҷиҳати саҳми Нусратулло Махсум дар раванди дигаргуниҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20 – 30-юми асри XX бахри дар оянда идома додани омӯзиш дар ин самт оварда шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия баён гардидаанд, аз ҷиҳати илмӣ ва методологӣ асоснок шуда, ба асосҳои таҳқиқотии илми таърих мувофиқ мебошанд. Натиҷагириҳо муҳим ва

саривақтӣ буда, истифодаи онҳо метавонад дар илми таърих навгониро ба вуҷуд орад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд аз ҷониби олимони соҳаҳои таърих, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқ ва дигар мутахассисон дар ҷараёни фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва амалии худ истифода шаванд. Маводи диссертатсия метавонад дар таҳияи монографияҳо ва асарҳои илмӣ оид ба таърихнигории таърихи халқи тоҷик дар замони муосир, инчунин ҳангоми омода сохтани маводи таълимӣ мавриди истифода қарор гирад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Баррасии диссертатсия нишон дод, ки аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 19 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда нашр шудаанд, ки ин аз эътибори илмии натиҷаҳои бадастомада шаҳодат медиҳад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02–Таърихи ватанӣ) ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мутобиқат мекунад.

Баробари комёбиҳо ва муваффақиятҳое, ки дар диссертатсияи тақризшаванда ба мушоҳида мерасанд, баъзе камбудиву норасоиҳо низ ҷой доранд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

1. Зербоби 2-и боби 2 ҳамагӣ 6 саҳифаро дар бар мегирад, ки ба назари мо камтар аст. Хуб мешуд, ки зербоби мазкур аз ҷониби муаллиф боз саҳеҳтар омӯхта шуда, такмил дода мешуд;
2. Дар диссертатсия номи ҷумҳурӣ “ҶМШС Тоҷикистон” зикр ёфтааст. Чунон, ки мебинем дар давраи хронологии мавзуъ дар ҳуҷҷати

тасдиқшуда (декларатсияи таъсиси ҷумҳурӣ) ҶМШИ (Ҷумҳурияти мухтори шуравии иҷтимоии Тоҷикистон) зикр гардидааст;

3. Дар диссертатсия аксаран номи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо ҳамон номҳои доштаи солҳои 20-30-юми асри XX нишон дода шудааст. Хуб мешуд, ки дар баробари он барои фаҳмо шудан барои хонандаи имрӯза дар дохили қавсайн номи имрӯзаи ҳамон шаҳру ноҳия нишон дода мешуд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро коста намегардонад ва муаллиф метавонад ҳангоми нашри монография ин камбудиҳоро ба назар гирад.

Хулоса, ба таври умум ҳамаи он вазифаҳое, ки дар диссертатсия зикр шудааст, аз тарафи диссертант бомуваффақият иҷро гардидааст. Мазмуну моҳияти диссертатсия ва автореферат ба ҳам мувофиқ буда, ба талаботҳои муқарраршуда мутобиқанд. Аз ин рӯ, муаллифи диссертатсия Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 -Таърихи ватанӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**номзади илмҳои таърих,**
**дотсенти кафедраи таърихнигорӣ**
**ва архившиносии факултети**
**таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Неъмонов Б. З.**

**Имзои Б. З. Неъмоноврo тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Шодихонзода Э.Ш.**

**Суроға. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17**
**Тел. 221-78-11**

«28» 11 с. 2025